# Оё шуморо ба он чи Аллоҳ бо он гуноҳонро пок мекунад ва дараҷотро боло мебарад, роҳнамоӣ накунам?

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Оё шуморо ба он чи Аллоҳ бо он гуноҳонро пок мекунад ва дараҷотро боло мебарад, роҳнамоӣ накунам?" Гуфтанд: Оре эй Расули Аллоҳ. Паёмбар Фармуданд: "Дар сахтиҳо (сармо, гармо ва ҳолатҳои номуносиб) пурра ва некӯ анҷом додани таҳорат, қадамзанон ба масҷид рафтан, интизори намоз пас аз намоз, ин ҳамон марзбонӣ (ва ҷиҳод) аст."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз асҳоби худ пурсиданд, ки оё мехоҳанд, ки онҳоро ба корҳое ҳидоят кунад, ки боиси омурзиши гуноҳон ва пок шудани он аз дафтари фариштагон ва боло рафтани дараҷот дар биҳишт шавад? Саҳобаҳо гуфтанд: Бале, мо инро мехоҳем. Фармуданд: Якум: Комил ва ба пурраги анҷом додани таҳорат ҳангоми сахтӣ, монанди сармо ё камбуди об, ё беморӣ ва ё оби гарм. Дуввум: Қадамҳои зиёде гузоштан - ки миёни пойҳост - ба масҷидҳои дур аз хона ва такрори зиёд. Сеюм: Интизори вақти намоз ва алоқаманд будани дил ба он. Ва омода будан барои намоз ва нишастан барои намоз дар масҷид ба интизори ҷамоат ва чун он намозро ба ҷо оварад ба интизори намози дигар бошад. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки ин корҳо ҳамон сарҳадбонии ҳақиқӣ аст. Зеро роҳҳои шайтонро бар нафси инсон мебандад ва нафси инсонро мағлуб мекунад ва онро аз пазируфтани васвасаҳо боз медорад. Ва ҳамин тавр ҳизби Аллоҳ сарбозони шайтонро шикаст медиҳанд ва ин ҳамон ҷиҳоди акбар аст, ки ба манзилати сарҳадбонӣ ва ҳифозат аз марзҳо дар баробари душман аст.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee